# Рушд ва таҳкими забони давлатӣ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 10 Март, 2023 - 13:04
[1]

**Нишасти 207-уми маҳфили илмиву адабии “Ганҷи сухан”**
Рӯзи 10-уми марти соли 2023 дар ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров маҷлиси 207-уми маҳфили илмиву адабии “Ганҷи сухан” бо сарварии адабиётшинос Саидумрон Саидов баргузор гардид, ки он дар партави муаррифии осори яке аз забоншиносони мумтоз Шокириён Туғралхон ба масъалаи “Рушд ва таҳкими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шуд. Дар кори маҳфил муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон узви вобастаи АМИТ, профессор Сахидод Раҳматуллозода иштирок ва дар мавзуи “Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули забони давлатӣ” суханронӣ кард. Зимнан, доир ба осори Шокириён Туғралхон ёдовар шуда, саҳми ӯро дар муаррифии дастовардҳои марбут ба забон ва интишори осори мондагори илмии муаррификунандаи забони тоҷикӣ муҳим دониста, чанде аз китобҳои ӯро мавриди баррасии илмӣ қарор дода, эшонро ба 70-умин солгарди ҳаёташон табрик намуд.

Ҳамчунин, дар кори маҳфил муовини ректори ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оид ба масъалаҳои илм ва инноватсия, доктори илмҳои педагогика, профессор Хайрулло Сабурӣ, адибони ҳавзаи Суғд (шоирони халқии Тоҷикистон Фарзона ва Аҳмадҷони Раҳматзод), олимони шинохтаи ҷумҳурӣ А.Ҳасанзода, А.Мамадназаров, О. Қосимов, М. Олимҷонов, М. Хоҷаева, А.Файзуллоев, Н. Ғиёсов, А. Абдуқодиров, С. Кенҷаев, М. Кенҷазода, А. Одинаев, олимони Донишгоҳи давлатии Фарғона (н.и.ф. Фарҳод Исомаддинов, Масъуди Мирзо ва Ҷумъаи Ҷамол) ва ғ. иштирок карда, роҷеъ ба масъалаҳои муҳимми марбут ба рушду нумуи забони тоҷикӣ ва нақши Пешвои миллат дар он суханрониҳо карданд.

Суханварон аз дастовардҳои олимони соҳа, махсусан, Шокирзода Туғралхон, ки ба синни мубораки 70 расида, тамоми умри бобаракати худро сарфи хома кардаанд, ёдовар шуда, дар ташаккули бахши истилоҳнигорӣ, сарфу наҳви тоҷикӣ, имло ва аломатҳои китобат ва ғайраҳо саҳми калон гузоштани ӯро баён карданд.
Дар охири маҳфил хотири иштирокдоронро ансамбли “Навои ҷавонӣ ” бо роҳбарии Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусейнҷон Юсупов бо сурудҳои дилнишинашон шод карданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 3

Баҳои миёна: 3 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

- 

[4]

-

[5]

- 

[6]

-

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/rushd-va-takhkimi-zaboni-davlati?mini=2026-04

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/1_1.JPG [2] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3_3.JPG [4] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1_4.JPG [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2_2.JPG [6] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/110403.jpg